# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - «Молия, гардиши пул ва қарз») пешниҳод шудааст.**

Унвонҷӯй Ализода Шавқат Шаробудин ба бахши рӯзонаи зинаи бакалаври факултети умури бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 аз рӯйи ихтисоси “Молия ва қарз” хатм намуда, соли 2018 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси “ Молия ва қарз” ба итмом расонидааст.

Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти кориро дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо оғоз намуда, аз мутахассиси Раёсати таҳияи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои мутамаркази Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳо, мутахассиси пешбар ва сармутахассиси Раёсати дурнамои макроиқтисодӣ ва муносибатҳои молиявии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодӣ, сардори Раёсати дурнамои макроиқтисодӣ ва муносибатҳои молиявии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳоло дар вазифаи Муовини аввали Директори Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо фаъолият намуда истодааст.

Аз 11 феврали соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ ба Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шуда диссертатсияи номзадиро дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» таҳқиқоти илми бурда истодааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки то ҳол самти мазкур дар Тоҷикистон ин мавзӯъ нокифоя таҳқиқ шудааст, ки боиси нигаронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва аҳли башарият шудааст бо назардошти ривоҷ ефтани равандҳои манфӣ, ки ба сатҳи баланди истифодаи пули нақд дар муомилот оварда расонида, боиси маҷмӯи оқибатҳои манфи дар иқтисодиети миллӣ шуда истодааст. Ин водор сохт, ки Ализода Шавқат Шаробудин дар муҳлати муқараршудаи таҳсилот, бо риояи талаботҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кори илмӣ-таҳқиқоти гузаронида онро ба анҷом расонда, барои ҳимоя пешкаш намояд. Дар ҷараёни кор унвончӯй имтиҳонҳои номзадиро бомувафақият низ супоридааст.

Оиди мубрамии мавзӯи таҳқиқоти анҷом дода шуда гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муосири Тоҷикистон масъалаи такмили низоми пардохтии

ғайринақдӣ ва тавсеаи истифодаи он, инчунин гузариш ба иқтисодиёти рақамву инкишофи тиҷорати электронӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бисёр муҳим мебошад. Зеро, такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар ин замина таъмини паст кардани хавфҳои иқтисодию молиявӣ, ба рушди устувори низоми молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он, кам гардидани вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ки бо гардиши нақдии асъори миллӣ ва хориҷӣ вобаста мебошанд, мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, рисола дар ҳошияи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» (соли 2022) таъкид намуданд, ки «бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шаванд".

Аз ин лиҳоз масъалаи омӯзиши заминаи назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушти низоми пардохтии ғайринақдӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар шароити Тоҷикистон, дарёфти роҳҳои такмил ва муосиргардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ рӯзмара баҳисоб меравад. Вобаста ба ин, муҳимияти таҳқиқоти мавзӯи диссертатсия, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии он барои гузариш ба рушди устувори иқтисодиети миллӣ аҳамияти муҳимро доро мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи масъалаи илмӣ, ҳадафу мақсад ва объекти таҳқиқот, навгонӣ, ассосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти таҳқиқот дар самти такмил ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ нишон дода шудааст.

**Дар боби якум - «Заминаҳои назариявӣ – методологии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ»,** таҳаввули асосҳои консептуалии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва хусусиятҳои хоси он, таҷрибаи байнлмилалии ташкил ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Дар боби дуюм - «Вазъи муосир ва тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар давраи муосири Тоҷикистон, омилҳои мусбӣ ва манфии ба он таъсиррасонанда, арзёбии самараи иқтисодию иҷтимоии истифодабарии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар шароити иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дар боби сеюм - «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ»,** самтҳои асосии такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ, механизми истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар самти ташкил ва идора кардани низоми пардохтии ғайринақдӣ, тадбирҳо дар самти вусъат бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар зербоби **Хулоса** натиҷаҳои илмӣ – назариявӣ, инчунин оиди ҷанбаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва хусусиятҳои хоси он ва маҷмӯи пешниҳодҳои илман асоснокро дар самти вусъат бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ояндабинии афзалиятноки ин бахши муҳими иқтисодӣ баён намудааст.

Дар раванди таҳлил барои ноил шудан ба этимоднокии баланди илмӣ унвонҷӯй аз усулҳои этирофшуда ва маъмул, инчунин таҳлил ва синтез, усули қиёсӣ, индексӣ, гурӯҳбандӣ ва ғайра истифода намуда ба натиҷаҳои илман асоснок ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмии унвонҷӯй дар доираи фаъолияти илмӣ ва таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ дар корҳои нашршудаи дар маҷмуъ бо теъдоди 13 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаҳо дар маҷҷалаҳои тавсияшудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, инчунин дар баромадҳои илмии Вализода Ш.Ш. дар конфоронсҳои сатҳи байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва институт пешниҳод гардида, эътирофи аҳли илм гардидааст.

**Хулоса,** Вализода Шавқат Шаробудин дар раванди омодаи рисола кушишу ғайрати зиёд, меҳнатдӯстӣ ва қобилияти пешбурди мақсадноки корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ нишон дод, ки боиси дастраси ба натиҷаҳои дорои навгониҳои илмӣ ноил гардид.

Натиҷаи кори диссертатсионии унвонҷӯ, инчунин пешниҳодҳо ва таклифҳои муаллиф илман асоснок буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, дар раванди мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар фаъолияти Бонки миллӣ Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои давлатии танзимкунанда метавонад истифода гардад. Сохтори

диссертатсия мантиқан дуруст омода шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра иҷро гардида, он мувофиқи талаботҳо дуруст барасмият ва бо услуби илмӣ тарҳрезӣ гардидааст.

Диссертатсияи Вализода Шавкат Шаробудин дар мавзӯи "Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - «Молия, гардиши пул ва қарз») пешниҳод шудааст, пурра ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ – тахассусии мустақилона ва ба анҷом расида маҳсуб мешавад ва барои баррасӣ дар сатҳи аввал дар шуъба ва ҳимояи расмии он тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва робитаҳои байналмиллии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и. — Шарипов Б.М.

**Имзои Шарипов Б.М.-ро тасдиқ мекунам:**

Мудири шуъбаи кадрҳои ИИ ва Д АМИТ — Қурбонов Э.

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН • ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И ДЕМОГРАФИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА • ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

26.08.2023с